“Тасдиқ мекунам”
Ректори Донишгоҳи давлатии
Данғара, доктори илмҳои
иқтисодӣ, профессор
_____Хайрзода Ш. Қ.
_____ соли 2026

ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

ба диссертатсияи Аҳмадов Дилшодбег Шарифович дар мавзуи «Маҳсулнокии зағири равғандиҳанда вобаста аз меъёрҳои гуногуни истифодаи нуриҳои маъданӣ дар заминҳои лалмии водии Ҳисор» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.1.2. Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ.

Мутобиқати мавзуъ ва мухтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Диссертатсияи Аҳмадов Дилшодбег Шарифович ба яке аз самтҳои афзалиятноки соҳаи кишоварзӣ - таъмини аҳолии ҷумҳурӣ бо равғани растании аз ҷиҳати экологӣ тоза равона гардидааст, ки ин дар доираи барномаи стратегӣ, таъмини амнияти ғизой иҷро шудааст. Диссертатсияи илмӣ ба соҳаи кишоварзӣ, ба шаҳодатномаи ихтисоси 4.1.2. Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ, ки тибқи бюллетени КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №3 – 4 (23 - 24) соли 2022 ва қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2023, №2 тасдиқ гардидааст ба бандҳои 2,5,6,11,12,18 ва 23 мутобиқат менамояд. Матни пурраи бандҳои мазкур дар диссертатсия ва автореферати довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дарҷ гардидааст.

Мубрамии мавзуи тадқиқ. Ҷиҳати таъмини аҳолии ҷумҳурӣ бо маҳсулотҳои ғизой ва саноат бо ашёи хом, ривоҷ додани истеҳсоли равғани растании аз зироатҳои равғандиҳанда ҳосилшуда нақши муҳимро иҷро менамояд ва дар ин раванд тадқиқоти илмии унвонҷӯ Аҳмадов Д.Ш., ба талаботи имрӯзаи соҳаи аграрии мамлакат ҷавобгӯ мебошад. Парвариш ва истеҳсоли зағири равғандиҳандаи намуди сершохи кӯтоҳнахи кудряш дар заминҳои лалмии аз боришот таъмини ҷумҳурӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ фоидаовар буда, аҳолии кишварро бо равғани растании аз ҷиҳати экологӣ тоза ва чорворо бо маводҳои ғизой, аз он ҷумла кунҷораи серғизо таъмин менамояд ва ҳамчун пешинакишт аҳаммияти агротехникӣ дорад.

Тадқиқотҳои муассисаҳои илмӣ ва таҷрибаҳои пешқадами ватанию хориҷӣ нишон медиҳанд, ки аз истифодабарии технологияҳои инноватсионии парвариш, махсусан тухмии навъҳои серҳосил ва меъёрҳои мусоиди нуриҳои маъданӣ ҳосилнокии зироатҳо аз 30 то 40 фоиз меафзояд. Дар муассисаҳои илмии ҷумҳурӣ таҷрибаҳои илмӣ оид ба меъёрҳои гуногуни истифодабарии нуриҳои маъданӣ барои навъҳои маҳаллии ноҳиябандишудаи зағири равғандиҳанда, махсусан дар шароити заминҳои лалмии аз боришот таъмини водии Ҳисор омӯхта нашудааст. Бинобар ҳамин, дар шароити тағйирёбии иқлим, махсусан гармшавии ҳаво тадқиқи ин масъала, ки аз ҷониби унвонҷӯ Аҳмадов Д.Ш., иҷро шудааст, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд. Технологияи парвариши зағири равғандиҳанда дар заминҳои лалмии ҷумҳурӣ дар корҳои як катор муаллифон дарҷ гардидааст: В.В. Невзоров [13, с.54], М.М. Икромова [1, с.34-41], А.Н.Махсумов [4, с.256, 5, с.452], В.Н. Литвинов, С.И.Имомов [3, с.46-51], Л. Карамхудоев, А.Ф. Лошкарёва, О.К.Жукова, С.И. Имомов [2, с.28], Т.Н. Набиев, М.М. Солиҳов, Т.С. Нарзулоев, К.А. Воҳидова [6, с.42-46], М.С. Норов, Т.С. Нарзулоев [7, с.108-109; 8, с.11-14], Т.С. Нарзулоев [9, с.94-96; 10, с.56-59; 11, с.26-29], Т.С. Нарзулоев, М.С. Норов, Д.Б. Бегназаров, Д.Ш. Аҳмадов [12, с.32], М.С. Норов [14, с.12]. Аммо тадқиқотҳои иҷрошуда на ҳамаи масъалаҳои технологияи парвариши зағири равғандиҳандаро дар бар мегирад ва тадқиқоти илмии унвонҷӯ Аҳмадов Д.Ш., дар самти муайян намудани меъёрҳои муътадили нуриҳои маъданӣ барои навъҳои маҳаллии ноҳиябандишудаи “Ҳисор – 10” ва “Ҳисор – 474” равона гардидааст.

Дар натиҷаи корҳои илмӣ – тадқиқотӣ довталаби дараҷаи илмӣ Аҳмадов Д.Ш., илман асоснок намудааст, ки дар заминҳои лалмии аз боришоти атмосферӣ таъмини водии Ҳисор барои зағири навъҳои маҳаллии ноҳиябандишудаи “Ҳисор – 10” ва “Ҳисор – 474” истифодабарии 60 кг моддаҳои ғизоии нитрогенӣ, 60 кг фосфорӣ ва 45 кг калийгӣ дар 1 гектар дар намуди моддаи таъсирнок гирифтани то 12 сентнер ҳосили тухмиро таъмин менамояд.

Навгонии илмии тадқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда. Унвонҷӯ Аҳмадов Д.Ш., бори аввал дар заминҳои лалмии аз боришот таъмини водии Ҳисор меъёри мусоиди нуриҳои маъданиро дар асоси ташхиси хоку растанӣ ва бо дарназардошти ҳосили ба нақшагирифташуда, барои зағири навъҳои маҳаллӣ муайян намудааст. Инчунин, довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар натиҷаи таҷрибаҳои

илмӣ бори нахуст таъсири меъёри гуногунии истифодаи нуриҳои маъданиро ба нишондодҳои биометрӣ, сохтори таркибӣ ва сифати маҳсулоти зағири навъҳои маҳаллӣ ба исбот расонидааст. Ҳамзамон, унвончӯ самаранокии иқтисодии парвариши онҳоро дар самтҳои гуногун муайян намудааст.

Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия. Дар натиҷаи корҳои илмӣ - тадқиқоти довталаби дараҷаи илмӣ Аҳмадов Д.Ш., барои заминҳои лалмии аз боришот таъмини водии Ҳисор технологияҳои инноватсионии парвариши зағири навъҳои маҳаллии ноҳиябандишудаи "Ҳисор – 474" ва "Ҳисор – 10" – ро тадқиқ намудааст. Ӯ ба воситаи тадқиқотҳои саҳроӣ ва озмоишӣ илман асоснок намудааст, ки истифодабарии 60 кг моддаҳои ғизоии нитрогенӣ, 60 кг фосфорӣ ва 45 кг калий дар 1 гектар дар намуди моддаи таъсирбахш бо тарзи кишти камбари байниқаторӣ 15 см гирифтани то 12 сентнер ҳосили тухмӣ, 480 кг равғани растании аз ҷиҳати экологӣ тозаро таъмин менамояд ва кунҷораи серғизои он барои рушди соҳаи чорводорӣ аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дорад.

Натиҷаи кори тадқиқотии унвончӯ соли 2025 дар заминҳои лалмии аз боришот таъмини хоҷагии таҷрибавии "Зироаткор" - и Институти зироаткории АИКТ дар ш. Ҳисор дар майдони 2 гектар татбиқ шудааст.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои тадқиқ. Натиҷаи корҳои илмӣ – тадқиқотии унвончӯ Аҳмадов Д.Ш., тавассути гузоштани таҷрибаҳои саҳроӣ ва таҳлилҳои озмоишӣ, дастрасии маълумотҳои илмӣ, таҳияи ҳисоботҳои даврӣ, нашри маводҳои интишорӣ, тадқиқи меъёрҳои гуногуни истифодабарии нуриҳои маъданӣ ба даст оварда шудааст. Тадқиқот бо "Методикаи таҷрибаҳои саҳроӣ" Б.А. Доспехов [1985] иҷро шудааст. Объекти тадқиқот навъҳои зағири маҳаллии ноҳиябандишудаи "Ҳисор – 10" ва "Ҳисор – 474".

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар тадқиқ. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Аҳмадов Д.Ш., дар таҳлили кимиёвии хоки қитъаи тадқиқотӣ, интихоби навъ ва тухмии зироати зағир, гузоштани таҷрибаҳои саҳроӣ, омӯзиш ва азхудкунии адабиёти илмӣ, таҳияи барномаҳои корҳои илмӣ - тадқиқотӣ, дастрасии мушоҳидаҳои фенологӣ, корҳои аналитикӣ, ҷамъоварии таҳлил ва коркарди математикии натиҷаҳои бадастомада, баҳодиҳии оморӣ - иқтисодӣ, тарҳрезии тавсияҳои хулосавӣ ва пешниҳодҳо ба истеҳсолот назаррас мебошад. Саҳми иштироки бевоситаи унвончӯ барои ба даст овардани натиҷаҳои тадқиқот 85% - ро аз ҳаҷми умумии диссертатсия ташкил медиҳад.

Нашри натиҷаҳои тадқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ. Натиҷаи корҳои тадқиқотии довталаби дараҷаи илмӣ Аҳмадов Д.Ш., дар 9 маводҳои интишорӣ, аз он ҷумла 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1 дастури илмӣ дар доираи мавзуъ, 5 фишурдаи мақолаҳо дар маводҳои конференсияҳои илмиву назариявии ҷумҳуриявӣ ба чоп расиданд, ки мазмуну мундариҷа ва муҳтавои асосии тадқиқотро дарбар мегиранд.

Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Кори диссертатсионии унвонҷӯ Аҳмадов Д. Ш., тадқиқоти илмии ба анҷомрасида ба ҳисоб рафта, дар ҷараёни таҷрибаҳои саҳроӣ технологияҳои илман асосноки зағир, аз он ҷумла истифодабарии меъёри мусоиди нуриҳои маъданӣ барои навъҳои зағири маҳаллии ноҳиябандишудаи "Ҳисор – 10" ва Ҳисор - 474" равона гардидааст. Диссертатсия дар ҳаҷми 147 саҳифа таҳия гардида, аз 5 боб, муқаддима, қисми таҷрибавӣ, натиҷаҳои тадқиқот, самараи иқтисодӣ, хулосаю пешниҳодҳо ба истеҳсолот, 11 расм, 32 ҷадвал иборат буда, рӯйхати адабиёт 149 номгӯй, аз ҷумла, 15 муаллифони хориҷиро дар бар гирифта, дар он замимаҳо дарҷ гардидааст.

Дар муқаддима аҳаммияти мавзуи тадқиқшаванда асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши он арзёбӣ гардида, объекту мавзуи тадқиқот, ҳадафу вазифаҳои он, асосҳои назарию методологӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назарию амалӣ муайян карда шудаанд.

Дар боби 1 - уми диссертатсия, ки аз 3 қисм иборат мебошад, довталаби дараҷаи илмӣ Аҳмадов Д.Ш., дар бораи пайдоиш ва аҳаммияти зағири равғандиҳанда, хусусиятҳои морфо - биологии он ва натиҷаҳои асосии парвариши ин зироат дар минтақаҳои гуногуни бурунмарзӣ ва ҷумҳуриро ба таври мухтасар баён намудааст. Аз таҳлилҳои дар адабиётҳои илмӣ овардашуда бармеояд, ки зағири равғандиҳандаро ҳамчун маводи асосии ғизой, табобатӣ ва техникӣ дар ҳамаи минтақаҳои дунё парваришу истеҳсол менамоянд ва ҳамчун пешинакишт аҳаммияти агротехникӣ дорад. Муаллифон дар ин боб қайд менамоянд, ки парвариши зағири равғандиҳанда дар заминҳои лалмии аз боришот таъмин ва нимтаъмини ҷумҳурӣ низ аз ҷиҳати иқтисодӣ манфиатнок мебошад.

Боби 2 - юми диссертатсия, ки дар 5 фасл оварда шудааст, унвонҷӯ Аҳмадов Д.Ш., мавод ва методикаи иҷрои таҷрибаҳои саҳроӣ, таснифи навъҳои маҳаллии ноҳиябандишудаи зағири равғандиҳанда, тавсифи хоку иқлимӣ макони тадқиқот ва нишондиҳандаҳои агрометеорологиро нишон додааст. Таҷрибаҳои илмии саҳроӣ дар заминҳои лалмии аз боришот таъмини хоҷагии таҷрибавии "Зироаткор"-и Институти

зироаткории АИКТ тайи солҳои 2021 - 2024 иҷро шудааст. Баландии ҷойгиршавии қитъаи таҷрибавӣ аз сатҳи баҳр 928 метр, боришоти миёнаи бисёрсола 500 – 600 мм. Ба сифати объекти тадқиқот навъҳои зағири маҳалли ноҳиябандишудаи "Ҳисор – 10" ва "Ҳисор – 474" истифода шудааст.

Дар боби 3 - юми диссертатсия, ки натиҷаҳои асосии тадқиқот инъикос ёфтаанд ва он дар 5 зербоб ҷамъбаст шудааст, довталаби дараҷаи илмӣ Аҳмадов Д.Ш., агротехникаи парвариши зағир, ташхиси кимиёвии хоки қитъаи таҷрибавӣ, таъсири нуриҳои маъданӣ ба инкишоф, ҳосилнокӣ, маҳсулнокӣ, ифлосшавии қитъаҳо ва ташаккулёбии ин зироат вобаста аз истифодабарии меъёрҳои гуногуни моддаҳои ғизоии нитрогенӣ, фосфорӣ ва калийгиро илман асоснок намудааст. Унвонҷӯ дар ин боб ба исбот расонидааст, ки истифодабарии нурии нитрогенӣ дар 1 гектар ба миқдори 60 кг, фосфорӣ 60 кг, калийгӣ 45 кг вазни 1000 тухмии зағири навъи "Ҳисор – 10" (7,1 г) ва "Ҳисор – 474" (6,1 г) – ро ташкил додааст . Бо ин технология вазни як растании навъи зағири "Ҳисор – 10" ба 5,5 г., тухмӣ 2,2 г., миқдори ғӯзача 37 адад, шумораи миёнаи дон дар ғӯзача 10 адад ва миқдори дон 370 ададро ташкил додааст, ки нисбат ба варианти назоратӣ (бе нурӣ) ва дигар вариантҳои омӯзиши бартарӣ дорад.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Аҳмадов Д.Ш., дар ин боб муайян намудааст, ки истифодабарии нуриҳои маъдании нитрогенӣ 60 кг, фосфорӣ 60 кг ва калийгӣ 45 кг дар 1 гектар дарозии решаи зағири "Ҳисор – 10" пас аз 10 шабонарӯзи сабзиши майсаҳо ба 20,1 см, пас аз 25 шабонарӯзи сабзиши майсаҳо ба 45,3 см, дар давраи гулкунӣ 92,5 см, пайдошавии ғӯзачаҳо 138,1 см ва дар давраи пеш аз пухтарасии тухмӣ ба 155,2 см баробар шудааст ва афзоиши шабонарӯзии он 1,72 см - ро ташкил додааст. Унвонҷӯ муқаррар намудааст, ки ҳосили бештари тухмии зағири навъи "Ҳисор – 10" (12 с/га) ва навъи "Ҳисор 474" (9,4 с/га) дар мавриди истифодабарии нуриҳои маъданӣ бо меъёри $N_{60}P_{60}K_{45}$ кг/га ба даст оварда шудааст, ки нисбат ба варианти назоратӣ (бе нурӣ) мутаносибан 5,1 с/га ё 42,5 % ва 3,4 с/га ё 36,2% зиёд аст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ **Аҳмадов Д. Ш., дар боби 4 - уми диссертатсия** таҳлили самаранокии иқтисодии парвариши зағири равғандиҳандаро дар самтҳои гуногун нишон додааст. Унвонҷӯ дар ин боб ба исбот расонидааст, ки зағири навъи "Ҳисор – 10" аз истифодабарии 60 кг нурии нитрогенӣ, 60 кг фосфорӣ ва 45 кг калийгӣ дар 1 гектар бо ҳосилнокии 12 сентнер тухмӣ фоидаи соф ба 6514 сомонӣ, арзиши аслии 1 сентнер маҳсулот 457 сомонӣ ва даромаднокӣ ба 121 фоиз баробар

шудааст, ки ин нисбат ба варианти бе нурӣ (назоратӣ) 24 фоиз зиёд аст. Дар натиҷаи таҷрибаҳои илмӣ унвонҷӯ муайян намудааст, ки аз истифодабарии нурии нитрогенӣ 60 кг, фосфорӣ 60 кг ва калийгӣ 45 кг дар 1 гектар бо ҳосилнокии 9,7 сентнер тухмӣ аз заҳири навъи "Ҳисор – 474" фоидаи соф 4514 сомонӣ, даромаднокӣ 86 фоиз ва арзиши аслии 1 сентнер маҳсулот 566 сомониро ташкил додааст.

Дар боби 5 – уми диссертатсия баррасии натиҷаҳои тадқиқот оварда шудааст. Тадқиқотҳои унвонҷӯ Аҳмадов Д.Ш., бори аввал дар заминҳои лалмии аз боришоти атмосферӣ таъмини минтақаи Ҳисор амалӣ гашта, ғизодиҳии нуриҳои маъдании фосфорӣ ва калийгӣ дар тирамоҳ пеш аз коркарди асосии хок ва нитрогенӣ дар давраи нашъунамои заҳир истифода шудааст. Бартарии ин усули агротехникӣ аз муқаррарӣ дар он аст, ки нуриҳои нитрогенӣ, фосфорӣ ва калийгӣ дар марҳаллаҳои гуногун истифода бурда мешаванд ва ниҳолҳои растанӣ ин моддаҳои ғизоиро дар тамоми давраҳои лозима мунтазам истифода мебаранд. Тадқиқот дар доираи "Барномаи Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои илм, технология ва инноватсия барои давраи то соли 2030" аз 30.06.2021, №263 ва "Барномаи давлатии рушди Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон барои солҳои 2021 – 2025" аз 30.04. 2021, №171 иҷро шудааст.

Хулоса аз 8 банд иборат буда, натиҷаҳои тадқиқотро ба пурраги инъикос ва ҷамбаст менамояд.

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Барасмиятдарории диссертатсияи Аҳмадов Дилшодбег Шарифович дар мавзуи «Маҳсулнокии заҳири равғандиҳанда вобаста аз меъёрҳои гуногуни истифодаи нуриҳои маъданӣ дар заминҳои лалмии водии Ҳисор» дар асоси талаботҳои "Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия", ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, № 493 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ. Тахассуси илмии довталаби дараҷаи илмӣ Аҳмадов Дилшодбег Шарифович ба ихтисоси илмии дархостшавандаи 4.1.2. Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ мутобиқат менамояд, чунки ба талаботи имрӯзаи соҳаи кишоварзии мамлакат, аз он ҷумла таъмини амнияти ғизоии кишвар, бахусус таъмини аҳолӣ бо равғани растании аз ҷиҳати экологӣ тоза аҳаммияти аввалиндараҷа дорад. Тадқиқи диссертатсионӣ аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад, ки дар ҳақиқат кори илмии мукаммали ба анҷом расида буда, аҳаммияти муҳими илмию амалӣ дорад. Тадқиқоти илмӣ дорои ҷанбаҳои баланд ва арзишноки назариявию амалӣ буда,

моҳияти ҳосилнокӣ ва самаранокии иқтисодии парвариши навъҳои маҳаллии ноҳиябандишудаи зағири равғандиҳандаро инъикос менамояд.

Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.

1. Дар саҳифаи 58-и диссертатсия тавсифи навъи Ҳисор 474 оварда шуда, қайд гардидааст, ки соли 1945 минтақабоб гардидааст. Тибқи сарчашмаҳо ин навъ соли 1990 минтақабоб гардидааст.
2. Дар таҷрибаҳои саҳроӣ мушоҳидаҳои фенологӣ гузаронида шудааст (саҳифаи 61), лекин бо тавсияи кадом олим муаллиф нишон дода нашудааст.
3. Дар саҳифаи 71 ва 72 ҷадвалҳои 3.5. ва 3.6 воҳиди ченак нишон дода нашудааст.
4. Таҳлили муқоисавии маҳсулнокӣ, ҳосилнокӣ ва равғаннокии навъҳоро меовард беҳтар мешуд.
5. Дар ҷадвали 3.2.1. саҳифаи 104, ифлосшавии қитъаи таҷрибавӣ оварда шудааст, лекин таъсири он ба ҳосилнокӣ нишон дода нашудааст.
6. Дар саҳифаи 122, ҳошияи 2 муаллиф қайд кардааст, ки "Аз ҷиҳати хусусиятҳои биологӣ растании зағир хоси заминҳои лалмӣ буда, дар шароити тағйирёбии иқлим, бахусус ҳарорати ҳавои нисбатан шиддатноки тобистон мутобиқ мебошад". Инро чӣ гуна шарҳ додан мумкин аст.
7. Дар диссертатсия ва автореферат баъзе хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ дида мешавад.

Новобаста аз дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳодҳои ҳадафмандона диссертатсияи мазкур аз норасоиҳо ва ғалатиҳое, ки хусусияти ҷузъӣ доранд холӣ нест ва камбудиҳои ҷойдошта сифати баланди илмии диссертатсияро коста намегардонанд. Ба инобат гирифтани онҳо дар тадқиқоти ояндаи унвонҷу самаранок арзёбӣ мегардад.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.1.2. Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ таҳия гардида, мазмуни асосии кори тадқиқиро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия. Диссертатсияи Аҳмадов Дилшодбег Шарифович дар мавзуи «Маҳсулнокии зағири равғандиҳанда вобаста аз меъёрҳои гуноуни истифодабарии нуриҳои маъданӣ дар заминҳои лалмии водии Ҳисор» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.1.2. Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.1.2. Зироаткории умумӣ, растанипарвари сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76–79 ва 81–и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсенти кафедраи агротехнология Донишгоҳи давлатии Данғара Музафарзода Даврон Маҳмадшариф омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи агротехнологияи Донишгоҳи давлатии Данғара, муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (протоколи №2, аз 15-уми сентябри соли 2026).

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 17 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: **тарафдор** – 17 нафар, **зид** нест, **бетараф** нест.

Раиси ҷаласаи Шурои олимон:
номзади илмҳои кишоварзӣ, декани
факултети аграрӣ ва амнияти озуқавории
Донишгоҳи давлатии Данғара Шарифзода Ҷ.Ш.

Эксперт:
номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсенти
кафедраи агротехнологияи
Донишгоҳи давлатии Данғара Музафарзода Д.М.

Котиби илмии ҷаласаи Шурои олимони
номзади илмҳои кишоварзӣ, муаллими калони
кафедраи агротехнология Сафарализода С.С.

Имзои Шарифзода Ҷ.Ш., Музафарзода Д.М.
ва Сафарализода С.С.-ро тасдиқ мекунам.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус Тоирзода С.Т.

ШУЪБАИ КАДРҲО

Суроғаи муассисаи пешбар:
735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Данғара, кӯчаи Марказӣ 25.
Тел.: .:83312-22806, (+992) 918 28 54 94, (+992) 907 77 76 02
E-mail: info.dsu2013@gmail.com
E-mail: dddangara2013@gmail.com
E-mail: muzafarov.davron@mail.ru

"15" сентябри соли 2026